**Такриз**

**ба диссертатсияи Раҷабов Абубакр Ашурович дар мавзӯи «Хусусиятҳои овоӣ ва сохторию маъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.- Забони тоҷикӣ**

Шеваҳои забони тоҷикӣ яке аз сарчашмаҳои асосӣ барои такмили таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ дониста мешаванд ва, аз ин рӯ, баррасии масоили гуногуни онҳо мубрам ба шумор меравад. Дар доираи масоили шеваҳои забони тоҷикӣ асару мақолаҳои зиёде таълиф гардида, ҷанбаъҳои мухталифи онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои таҳқиқнашуда хеле зиёданд. Яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ таҳқиқи калимаҳои иқтибосии таркиби луғати лаҳҷаҳо ба шумор меравад, зеро ин қабати луғавӣ дар давраҳои гуногун ба шеваҳо ворид гардида, дар гурӯҳҳои гуногуни соҳавӣ барои ҳалли ниёзҳои забонии мардум хизмат кардаанд. Ҳарчанд, дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ калимаҳои иқтибосии арабӣ, туркӣ-муғулӣ, русӣ-байналхалқӣ, юнонӣ, лотинӣ, ҳинду ва ғайра ба мушоҳида расад ҳам, дар байни онҳо воҳидҳои луғавии арабӣ ҷойгоҳи махсус доранд, зеро онҳо хеле зиёд буда, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мардум: мактабу маориф, дину мазҳаб, тиб, кишоварзӣ, хешовандӣ ва ғайра ба мушоҳида мерасанд. Ба таркиби луғавии лаҳҷаҳо ворид шуда, қисме аз онҳо ба хусусиятҳои овоӣ, луғавӣ ва грамматикии шеваҳо мутобиқ шуда бошад, қисми дигар дар шакли асл то имрӯз истифода мешаванд. Ин аст, ки таҳқиқи диссертатсионии онҳо аз рӯйи маводи шеваҳои забони тоҷикӣ яке аз маъалаҳои мубрами илмӣ ба шумор меравад, зеро ин ҳолат имкон медиҳад, ки мақому манзалати онҳо дар ташаккули таркиби луғавии лаҳҷаҳо нишон дода шавад. Бо дарки ин маънӣ интихоби мавзӯи «Хусусиятҳои овоӣ ва сохторию маъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» аз тарафи Раҷабов Абубакр мувофиқи мақсад буда, дар ҳалли илмии масъалаҳои марбут ба вожаҳои иқтиболии арабӣ нақши муҳим дорад. Бо ҷалби маводи фаровони лаҳҷавӣ ва мусаллаҳ бо масъалаҳои назариявии марбут ба овошиносию маънишиносӣ ва грамматикӣ шогирд тавонистааст, ки як диссертатсияи комилан ҷавобгӯ ба талаботро пешниҳод намояд.

Диссертатсияи Раҷабов Абубакр «Хусусиятҳои овӣ ва сохторию маънои калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» аз се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар онҳо масъалаи муносибат ва мувофиқати ҳамсадоҳои хоси забони арабӣ дар муҳити шеваи ҷанубӣ, махсусиятҳои луғавию семаникӣ ва морфологии иқтибосоти арабӣ мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд. Зимни тасвири синхронии вомвожаҳои арабӣ хусусиятҳои овои, луғавӣ ва морфологии онҳо бо забони адабӣ ва баъзе аз лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ муқоиса мегардад, ки барои равшан шудани мавқеи калимаҳои иқтибосии арабӣ мусоидат менамояд. Аз тадқиқоти шогирд маълум мегардад, ки дар тӯли истифодаи дуру дарози беш аз ҳазорсола калимаҳои иқтибосии арабӣ ба савтиёт ва сохтори грамматикии лаҳҷаҳо таъсир расонида бошад ҳам, дар маҷмӯъ ба талаботи забонии шеваҳо мутобиқ гардидаанд ва имрӯз аксарияти онҳо ҳамчун моли худии лаҳҷаҳо дар истеъмоланд.

Кори диссертатсионии шогирд дорои аҳаммияти муайяни илмию амалӣ мебошад. Ин ба он маънӣ аст, ки дар кор масъалаи ҷойгоҳи овозҳои хоси воридшудаи арабӣ дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ баррасӣ гардида, мақоми қабатҳои муродифию зидмаъно, калимаҳои ҳамгуну сермаъно, қолибҳои калимаҳои арабӣ ва сохтори онҳо муайян шудааст, ки барои корҳои ба ин монанд аҳамияти илмию амалӣ дорад.

Ба назари мо, ҳадаф ва вазифаҳое, ки дар назди шогирд гузошта шуда буд, иҷро шудаанд. Ин аст, ки корро анҷомёфта шуморида ба муҳокимаю дифоъ ба Шӯрои ҳимояи диссертатсияҳои илмии номзадию доктории назди ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.- Забони тоҷикӣ пешниҳод гардад.

Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои филологӣ,
узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
профессор, муовини раиси Кумитаи забон ва
истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Р. Раҳматуллозода

Имзои С.Р. Раҳматуллозодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Д. Назаров